**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи номзадии Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналхалмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии «дарҳои кушода»-ро пайгирона дар амал татбиқ намуда, эҷоди воситаҳои самарабахши ба ҳам овардани манфиатҳои миллӣ ва кӯшишҳои байналмиллалӣ, муттаҳид намудани саъю талошҳои ҳамаи давлатҳоро барои омода намудани аксуламали муносиб дар баробари таҳдид ва хатарҳои замони муосир имконпазир мешуморад. Дар байни масъалаҳои асосии сиёсати хориҷии мамлакат алоқаҳо бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустакил дар ҳамаи соҳаҳо мавқеи муҳим доранд.

Яке аз ин давлатҳо Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22 октябри соли 1992 барқарор гардидааст. Сафорати Тоҷикистон аз соли 1995 дар шаҳри Тошканд фаъолият мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба дурнамои рушди иқтисодӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва инчунин муносибатҳои таърихан ташаккулёфтаи халқҳои ду кишвар, ба рушду таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон манфиатдор аст.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Мамадқулова Рано Олимовна, ки дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» бахшида шудааст, мавзуи муҳим ва актуалӣ буда, то ҳол доир ба масъалаи баррасишаванда таҳқиқи ҳамаҷониба нашудааст.

Бо дарназардошти ин зарурат объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибати Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, ду кишвари ҳамсояи дорои урфу

одат, анъана ва таърихи муштарак, ба ҳамкориҳои бисёрасра асос ёфтанд. Соли 2018-ро дар таърихи муносибати Тоҷикистону Ӯзбекистон метавон соли гардиши куллӣ ва ҷаҳиши бузурги таърихӣ номид. Дар мулоқоту музокироти сатҳи олӣ санадҳои нави ҳамкорӣ, Изҳороти муштарак ва Аҳднома оид ба шарикии стратегӣ байни ду кишвар имзо шуд. Дар ин санадҳо ҳадаф ва дурнамои шарикии устувори ду мамлакат муайян шудаанд, ба ҳисоб меравад.

Дар рафти таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯ Мамадкулова Р.О. таърих ва масъалаи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳоро зиёда аз 200 созишнома ва аҳднома ташкил медиҳанд. Санадҳои асосие, ки дар сатҳи роҳбарони ду кишвар ба имзо расида, самтҳои муҳимтарини муносибатҳои тарафайнро муайян месозанд, Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 4 январи соли 1993, Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 июни соли 2000, Аҳднома оид ба шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 17 августи 2018 мебошанд.

Масалан, ба масъалаҳои - омӯзиши барқароршавии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар солҳои аввали истиқлолият;

- таҳлили муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тиҷоратии байни мамлакатҳо дар солҳои 1992-2000;

- баррасии муҳимтарин рӯйдодҳои муносибатҳои ин кишварҳо дар давраи солҳои 2000-2016;

- омӯхтани ҳалли муҳимтарин масъалаҳо ва дастовардҳое, ки дар раванди муносбатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба даст оварда шуданд, маълумот додааст.

Бидуни он дар татбиқи сиёсати дарҳои кушод ва дипломатияи бисёрсамтии Тоҷикистон масъалаҳои - муайян намудани заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон;

-таҳлили шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI;

-Таҳқиқи ҳамкориҳои илмиву фарҳангии Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон;

- Омӯзиши вазъи муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар даҳсолаи аввали асри XXI;

- Омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар қаринаи шарикии стратегии ду кишвар;

-Нишон додани афзалиятҳо ва дурнамои ҳамкориҳои минбаъдаи Тоҷикистону Ӯзбекистон таҳқиқ карда шудааст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки интихоб намудани мавзӯъ аз ҷониби унвонҷӯ Мамадқулова Р.О. актуалӣ маҳсуб ёфта, барои шинохти марҳилаи нави ҳамкориҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон муосидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи мазкур метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳои диссертатсияро зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик муносибатҳо пеш аз ҳама барои омӯзгорони соҳаҳои сиёсатшиносӣ, таърих, мардумшиносӣ дар муассисаҳои таълимии олии касбӣ, бахусус донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ, ҳифзи ҳуқуқ, Академияи кормандони давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, зеро дар он заминаҳо, ҷанбаъҳо, равандҳо, шароитҳо ва имкониятҳои ҳамкориҳои мутақобилаи судманди кишварҳои ҳамҷавор таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд, метавон истифода намуд.

Унвонҷӯ маводҳои зиёди таҳқиқотиро оид «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» - ҷамбаст намуд, ки

рисолаи мазкур дар маҷмӯъ як навгонӣ дар илми таърихнигорӣ оид ба паҳлӯҳои мухталифи ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошад, баррасӣ карда шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон муосир басо муфид аст.

Аз ин ҷост, ки диссертатсияи мазкур яке аз мавзӯъҳои мубрами илмӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя тавсия дода мешавад. Ҳамзамон, пешниҳод менамоем, ки муаллифи диссертатсия - Мамадкулова Рано Олимовна сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Мудири кафедраи таърих ва диншиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Ф.М.

Имзои мудири кафедраи таърих ва диншиносии
ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих,
профессор Ҳомидзода Ф.М.- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Х.

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulp@rambler.ru .

“ 11 ” марта 2023 с.